# ТАҚРИЗ

ба автореферати Орифов Орзу Обидхуҷаевич бо унвони “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Яке аз масъалаҳои мубрами замони муоссир ин дар сатҳи касбӣ донистани забонҳои хориҷӣ барои мутахассисони ихтисосҳои гуногун мебошад. Дониши хуби забонҳои хориҷӣ ба мутахассисон имкон медиҳад доираи ҳамкориҳои худро васеъ намуда, аз сарчашмаҳои гуногуни маълумот вобаста ба дилхоҳ соҳа истифода баранд. Махсусун, дониши забони англисӣ барои донандаи он имкониятҳои фароҳам медиҳад. Мутахассис дар кадом соҳаи фаъолияте, ки набошад, бо дониши ин забон метавонад аз сарчашмаҳои маълумотии қариб тамоми кишварҳои рӯи олам истифода барад. Дилхоҳ сайту сомонаҳои корхонаву идораҳо саҳифаҳои худро бо забони англисӣ доранд. Дилхоҳ сайтҳо бо забони англисӣ тарҷума шудаанд.

Аммо, мушкилии асосӣ дар омӯзиши ин забон, роҳу усулҳои он ва монеаҳои фонетикию грамматикии дар ин раванд пеш меомада аст, ки муаллифи диссертатсия дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом додааст.

Таҳқиқи илмии масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама мушкилоти ҷойдошта муайян карда шавад, хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот ёфт гардида мубрамияти ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар омӯзиши забони англисӣ асоснок гардад. Муаллиф дар раванди таҳқиқоти илмиаш кушиш кардааст роҳҳои самарбахши ташаккули салоҳиятмандии нутқи донишҷӯёнро дарёфт намояд.

Ҳангоми кори таҳқиқотиаш Орифов Орзу Обидхуҷаевич ба таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ такя намуда, заминаҳои назариявӣ ва методологии рафъи мушкилоти таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва рушди салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёнро аз нигоҳи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ асоснок намудааст. Вобаста ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти таълими забони англисӣ дар донишҷӯёни мактабҳои олӣ омӯхта фикру мулоҳизаҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст, ки дар маҷмуъ муҳтавои кори илмии иҷрошударо мукаммал мегардонад.

Муаллифи диссертатсия мушкилии асосии таълими забони англисро дар мувофиқат накардани сарфу навҳи он бо сарфу навҳи забони тоҷикӣ мебинад. Ӯ қайд менамояд, ки ҷо ба ҷо гузории аъзоҳои ҷумла дар ду забон ва тарзи талаффузи овозҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ин боиси мушкил гардидани омӯзиши он мешавад. Ҳамзамон, ташкили омӯзишро аз рӯи барномаи ба лексика нигаронидашуда мувофиқ мақсад медонад, ки ба фикри банда ин ба мақсад мувофиқ аст. Донистани шумораи зиёди воҳидҳои забонӣ ё калимаҳои забони хориҷӣ ба фаҳмиши дурусти мавзуи омӯхташаванда боис мегардад.

Натиҷагириҳо аз марҳилаи кори озмоиширо дар ду мактаби олӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Филлиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ш.Кӯлоб муаллиф тибқи коркарди оморӣ дар ҷадвалу нақшаҳо оварда аст, ки натиҷаи корҳои озмоиширо пурра муайян месозанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот таҳқиқотчӣ моҳият, мазмун ва сохтори раванди мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълимро асоснок карда, роҳҳои педагогии рафъи мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯён ва баланд бардоштани салоҳиятнокии нутқии донишҷӯёнро ҳадафи худ қарор дода, муайян карда тавонистааст. Барои ҳалли

мушкилоти ҷойдошта хулосаҳои аз ҷиҳати методӣ дуруст бароварда пешниҳодҳои дурусти илман асоснок кардааст.

Баъди ошноӣ бо автореферати диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мазуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» ба хулосае омадем, ки он қобили дастгирӣ буда, арзиши баланди илмӣ дорад. Унвонҷӯ аз ухдаи вазифаҳои дар назди худ гузошта ба хубӣ баромадааст.

Рисолаи илмӣ ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст. Муаллифи он Орифов Орзу Обидхуҷаевич сазовори унвони номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ,
Дотсенти кафедраи технологияҳои барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва математикаи олӣ
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шахри Кӯлоб
__________________ Наимов У.Т.
Имзои Наимов У.Т. тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шахри Кӯлоб
__________________ Шокиров Қ.Б.
23.05.2024

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, 735360, маҳалаи Борбат
Тел: (+992) 989 13 86 86
Сомона: www.dtmik.tj
e-mail: umed_92@mail.ru